“Тасдиқ менамоям”
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”,
доктори илмҳои таърих,
профессор ____________Усмонзода А.И.
«01» ____09______ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар - кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) пешниҳод гардидааст**

Бо қарори Шӯрои дисертатсионии 6D. КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда муқаррар гардида, диссертатсияи Абдулзода Зиёдулло Назар барои тақриз ба кафедра ирсол гардид. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи донишгоҳи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур 25 нафар ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони кафедра, аз ҷумла мудири кафедра, дотсент Н.С. Маҳмудова, доктори илмҳои таърих, профессор Н.О. Турсунов, доктори илмҳои таърих, профессор М. Давлатов,

доктори илмҳои таърих, профессор В.М. Набизода., доктори илмҳои таърих, профессор А.И. Усмонзода, доктори илмҳои таърих Б.Р. Турсунов, номзади илмҳои таърих, дотсент Ж.Б. Исамитдинов, номзади илмҳои таърих, дотсент Ш. Шарипов, номзади илмҳои таърих, дотсент Ч. Абдукаримов, номзади илмҳои таърих, дотсент Д. Фармонова ва дигар омӯзгорони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муассисаи тақриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Исамитдинов Жорабек Бобобекович омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад.

**Мубрамияти мавзӯи** таҳқиқот аз он иборат аст, ки солҳои охир дар таърихнигории муосири тоҷик як падидаи фараҳбахш ба вуқуъ пайвастааст, ки он ҳам бошад омӯзиши сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ ва давраи нави таърихи халқи тоҷик мебошад. Таърихи чандинасраи Осиёи Миёна ва хосатан Аморати Бухоро дар ёдгориҳои сершумори хаттӣ инъикос ёфтааст. Дар онҳо доир ба ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои ин минтақаи паҳновар маводҳои пурқимати таърихӣ оварда шудаанд. Омӯзиши амиқ ва ҳаматарафаи ин сарчашмаҳо аҳамияти калони амалӣ ва илмӣ дорад. Чӣ тавре, ки муаллифи рисолаи диссертатсионӣ Абдулзода З.Н. нигоштааст: "Сарчашмаҳои хаттии таърихӣ, пеш аз ҳама аз он нуқтаи назар ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд, ки онҳо новобаста аз сифат ва арзиши худ моро аз кадом як воқеаи ношинохтае огоҳ месозанд ё аз ҳодисаи мушаххас ва муайян хабари тозае медиҳанд. Яке аз чунин рисолаҳои таърихӣ асари "Туҳфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонист, ки аз манобеи арзишманди даврони ҳукумати хонадони манғит дар аморати Бухоро маҳсуб мешавад" (с. 3).

Маълумоти асари “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонӣ доир ба аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна, истило шудани онҳо аз тарафи Россияи подшоҳӣ ба бисёр саҳифаҳои норавшани таърихи ин давра равшанӣ меандозад ва аз ин рӯ ба доираи илмӣ кашидани ин манбаи хаттӣ аҳамияти калони илмиро дорост.

**Дар муқаддима** (с. 3-16) аҳаммияти таҳқиқ ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ баён шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ муайян гардидааст. Ҳамчунин дар муқаддима асосҳои назарию методологӣ ва методҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ номбар шуда, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар қисматҳои анъанавӣ ба таври муҷаз баён шудааст.

Вазифаҳое, ки дар муқаддима баён карда шудаанд, ба проблемаҳои мавзӯъ комилан мувофиқанд ва имкон медиҳанд, ки нозукиҳои он мувофиқи мақсад ошкор карда шавад.

**Бахши таърихнигории муқаддима** таассуроти хуб мегузорад, ки муаллиф аз шарҳу тавзеҳи мазмуни кор бурун омада, мазмуну мӯҳтавои нашрияҳоро баррасӣ мекунад ва тавсифи муфассали кори пешгузаштагонро пешниҳод мекунад. Эҳтироми муҳаққиқони пешгузаштаро ба ҷо оварда, муаллифи рисола ба дараҷаи инкишофи мавзуъ баҳо медиҳад, ба қавли муаллифи рисола онҳо мавзуъҳоро дар вақтҳои гуногун ба таври боварибахш ба хонанда пешкаш кардаанд. Таъкид мегардад,ки бо вуҷуди таърихнигории васеъ, на ҳамаи ҷиҳатҳои масъала ба пуррагӣ омӯхта шудаанд, нуқтаи назари мухталиф оид ба шарҳи фактҳои таърихӣ вуҷуд дорад.

**Пойгоҳи манбаъшиносии таҳқиқотро** асосан сарчашмаҳои хаттӣ - асарҳои таърихии аз ҷониби Муҳаммад Юсуфи Муншӣ, Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ, Абдураҳмони Толеъ, Муҳаммад Вафои Карминагӣ, Мирзо Шамси Бухорӣ, Мирзо Салимбек ибни Муҳаммад Раҳим, Ниёз

Муҳаммад Хӯқандӣ, Олимхоҷа Мирзо Сайидхоҷа Мушрифи Бухорой, Муҳаммад Содиқи муншии Бухоро, Муҳаммад Ҳакимхон, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ ва дигарон эҷодшуда ташкил медиҳанд.

**Объекти таҳқиқот** омӯзиши асари таърихии "Туҳфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомии Бухорой ҳамчун сарчашмаи таърихӣ доир ба таърихи аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна маҳсуб меёбад.

**Методологияи таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқот аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ-таърихӣ, аз қабили ягонагӣ ва пайдарҳамии таҳлили мавзуъ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, тавсия, таҳлили системавӣ, хулосабарорӣ, назари интиқодӣ истифода гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** пеш аз ҳама дар он ба мушоҳида мерасад, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал мазмуну муҳтавои "«Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ  дар заминаи таълифоти муаллиф ва қиёси он бо дигар сарчашмаву таҳқиқот мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар диссертатсия ба таври мусбат ҳаллу фасл шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқи** анҷомёфта ба дақиқ будани маълумот, фаровонии ҳаҷми маводи таҳқиқ, натиҷаҳои бадастомада ва ҳаҷми интишороти унвонҷӯ алоқаманд аст.

**Хулоса ва тавсияҳое**, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд, муътамад ба назар мерасанд ва қобили пазириш мебошанд. Хулосаву натиҷагирӣ ва дастовардҳои илмии унвонҷӯ имкон дорад ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи халқи тоҷик ва тартиб додани луғати истилоҳоти таърихӣ ба сифати мавод истифода шаванд.

**Сохтори бобҳои рисола** аз рӯи принсипи муаммовӣ, вобаста ба мақсаду моҳияти мавзуи мавриди таҳқиқ тарҳрезӣ шуда, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт ва манобеи истифодашуда (бо 175 номгӯ) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 167 саҳифаи матни компютерӣ иборат мебошад.

**Боби якуми диссертатсия - «Туҳфаи шоҳӣ»-и Абдулазими Сомӣ ва сохтори он»** аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал - «Замони зиндагӣ, аҳвол ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ» марҳалаҳои зиндагиномаи Мирзо Абдулазими Сомӣ, иҷрои вазифаи муншигӣ дар аҳди амирони Бухоро Музаффар ва Абдулаҳад, эҷоди асарҳои илмию бадей, бо хаттотиву хушнависӣ машғул шудан, дар ҳайати сафирони Бухоро ба Россия сафар кардани ӯ ва дигар масъалаҳо маълумот дода мешавад.

Зербоби дуюми боби аввал «Мазмун ва мундариҷаи «Туҳфаи шоҳӣ» унвон дорад ва дар он тавсифи нусхаҳои хаттии «Туҳфаи шоҳӣ», сохтор ва муҳтавои он, манобеи истифодабурдаи муаллиф зимни таълифи рисолаи худ ва аҳамияти таърихию сарчашмавии он инъикос ёфтаанд. Дар рисола таъкид гаштааст,ки «Туҳфаи шоҳӣ»-и Абдулазими Сомӣ аз дебоча ва 72 фасли алоҳидаи хурду калон иборат буда, дар тафовут аз солномаҳои таърихии ҳамзамононаш сохтори нисбатан мушаххас дошта, банду басти мураккаб надорад. Асар воқеаҳои таърихиро аз оғози асри XVIII, яъне аз давраи ҳукмронии Убайдуллохони Аштархонӣ (1702-1711) то оғози асри XX, то давраи ҳукмронии Абдулаҳади манғитӣ (1885-1910) фаро мегирад.

**Боби дуюми диссертатсия - «Инъикоси вазъи сиёсӣ ва идории Хуросону Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XVIII – нимаи аввали асри XIX дар «Туҳфаи шоҳӣ»»** аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якуми боби дуюм - «Бозтоби авзои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XVIII дар «Туҳфаи шоҳӣ» масоили вазъи сиёсии

Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замони Аштархониён (нимаи аввали асри XVIII) дар асоси нигоштаҳои Мирзо Абдулазими Сомӣ ва дар қиёс бо сарчашмаҳои дигар таҳқиқ шудааст. Таъкид мегардад, ки шаҳри Бухоро дар замони Аштархониён маркази сиёсӣ ва идории давлат буд, Балх бошад маркази дуюм ва аз шаҳрҳои муҳим ба ҳисоб мерафт, зеро валиаҳди Бухоро ба унвони «хон» дар Балх менишаст ва идораи ин вилоят ба зиммаи ӯ вогузор буд. Дар ин зербоб воқеаҳои ҳарбӣ-сиёсии замони ҳукмронии Аштархониён – Абдулазизхон, Субҳонқулихон, Убайдуллоҳхон ва Абулфайзхон, инчунин лашкаркашии шоҳи Эрон Нодиршоҳ ба Бухоро таҳлил шудаанд.

Зербоби дуюми боби дуюм - «Инъикоси таърихи сиёсии Мовароуннаҳри нимаи дувуми асри XVIII - нимаи аввали асри XIX дар «Туҳфаи шоҳӣ» ном гирифта, диссертант мувофиқи он сараввал дар бораи қабилаи манғитҳо маълумот медиҳад. Сипас муфассал такя ба “Туҳфаи шоҳӣ” намуда, дар бораи ба арсаи сиёсат омадани намояндагони сулолаи манғития (Муҳаммадҳаким ва Муҳаммадраҳимхон), тавсифи воқеаҳои то замони амир Музаффар суратгирифта, ба таври умум вазъи сиёсии аморати Бухоро, хонигариҳои Ҳӯқанд ва Хева дар муносибат ба аморати Бухоро, Самарқанд, Ӯротеппа, Шаҳрисабз, ноҳияҳои Нурато, Чаҳорҷӯй, Наҳрпай, Каттақӯрғонро дар мустаҳкам ва заиф гардидани ҳокимияти марказии аморати Бухороро ба тафсил баён кардааст.

**Боби сеюми рисола «Зикри лашкаркашиҳои амирони манғит ва истилои баъзе қаламрави аморати Бухоро аз ҷониби ҳукумати подшоҳии рус дар «Туҳфаи шоҳӣ»**аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби аввал «Инъикоси лашкаркашии амирони манғит ба қаламрави кишварҳои ҳамсоя дар охири асри XVIII - нимаи аввали асри XIX дар «Туҳфаи шоҳӣ» номгузорӣ шуда, муаллиф вазъи сиёсии аморати Бухороро дар охири асри XVIII - нимаи аввали асри XIX тавсиф

намудааст, аз ҷумла лашкаркашиҳои амирони манғит, амсоли амир Шоҳмурод, Ҳайдар ва Насруллоҳ ба хориҷ аз аморати Бухоро, тавсифи ҷангҳои хунин дар байни хонигариҳои Хива, Хӯқанд ва аморати Бухоро дар нимаи аввали асри XIX, ҷорӣ намудани ҳокимияти амир Насруллоҳ аз Ӯротеппа то Амударё ва то Қундузу Бадахшон, ҳодисаҳои ба тахт нишастани амир Музаффар ва дигар воқеаҳоро дар асоси "Туҳфаи шоҳӣ" таҳлил намудааст.

Зербоби дуюми боби сеюм «Вуруди қувваҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳии Россия ба Осиёи Миёна аз нигоҳи Мирзо Абдулазими Сомӣ» ном дошта, ба таҳлили муборизаҳои сиёсӣ ва муташанниҷ гаштани вазъи сиёсии аморати Бухоро дар замони ҳукмронии Музаффархон, забт шудани Осиёи Миёна аз ҷониби Россиян подшоҳӣ бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия муҳимтарин муҳорибаҳо байни лашкари аморати Бухоро ва Россияи подшоҳӣ – муҳорибаи Эрҷар, забти Хуҷанд, Ӯротеппа , Ҷиззах, тасарруфи Самарқанд ва муҳорибаи Зирабулоқ, баста шудани сулҳ ва дигар масъалаҳоро баррасӣ намудааст.

Дар ин рисолаи илмӣ ҳар як бобу фасл хулосаҳои мустақили ҷудогона дорад. Муаллиф ҳамаи гуфтаҳояшро бо мисолу далелҳои аниқ тақвият мебахшад ва ин мисолу далоил аз маъхазҳои муътамад ва асарҳои илмии муҳаққиқони таърихи давр гирифта шудаанд.

**Тавсияҳо дар хусуси истифодаи натиҷаву хулосаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи Абдулзода Зиёдулло Назарро зимни омӯзиши масоили сиёсии Осиёи Миёна дар нимаи асри XVIII ва ибтидои асри XX, ҳангоми таҳияи асарҳои умумии вобаста ба таърихи халқи тоҷик, таърихи Осиёи Марказӣ дар охири асрҳои миёна ва давраи забткориҳои Россияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна, омӯзиши курсҳои махсус ва таҳияи китобҳое, ки ба ҳаводиси таърихии Мовароуннахру Хуросон дар нимаи асри XVIII ва ибтидои асри XX истифода намудан мумкин аст.

Дар қисмати хулоса натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия аз таҳқиқи дар ин замина анҷомдодаи ӯ баён гардида, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳои судманд пешниҳод шудааст.

Дар рафти баррасӣ, таҳлил ва натиҷагирӣ муайян гардид, ки сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Абдулзода Зиёдулло Назар мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст. Автореферат мазмуни фишурдаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Натиҷаҳои асосии илмии рисолаи Абдулзода З.Н. дар панҷ мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 маводи конфронсӣ ба нашр расидаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсону норасоӣ ба назар мерасанд:

1. Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ ва пойгоҳи манбаъшиносии таҳқиқот асарҳои Мирзо Салимбек, Муҳаммадалии Балҷувонӣ, Садриддин Айнӣ роҷеъ ба таърихи аморати Бухоро (салтанати манғитҳо) баррасӣ нашудаанд.

2. Бархе аз маъхазҳо ва адабиёти илмӣ, ки дар феҳристи адабиёт ҷой дода шудаанд, дар матни диссертатсия умуман истифода нагаштаанд, амсоли асарҳои Абаза К.К., Абдураҳмони Толеъ, Алексеев Л., Арнолд М.П., Бёрнс А., Верещагин В. В., Иванов Д.Л., Касьянов Н.Н., Логофет Д.Н., Ломакин Н.П., Мейендорф Е.К., Сярковский Г., Халфин Н.А., Хидоятов Г.А., Якубов Б.С., Арапов Д.Ю., Бартольд В.В., Бекмаханов Е.Б., Брежнева С.Н., Вохидов Ш, Григорьев В., Лунин Б.В., Михалева Г.А., Наливкин В.П., Ражабов К., Абдураимов М. ва ғ.

3. Дар зербоби дуюми боби сеюм, проблемаи инъикоси забткориҳои Россияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна, задухӯрдҳои ҳарбии қӯшуни рус ва Бухоро дар "Туҳфаи шоҳӣ" баррасӣ шудааст, вале

муқоисаи маълумоти ин асар бо тадқиқотҳои муҳаққиқони рус кам ба назар мерасад.

4. Дар матни диссертатсия баъзан хатоиҳои имлой ва услубӣ дида мешаванд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида аҳаммияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд ва рисолаи мазкур таҳқиқоти илмии арзишманд ва мустақилона баанҷомрасида буда ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардида аст, мувофиқ мебошад.

Рисолаи номзадии Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзуи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) арзанда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеъи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 28-уми августи соли 2023, суратҷаласаи № 1 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлиси кафедра **25 нафар** иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - **25 нафар**, “муқобил” - **нест**, “бетараф” - **нест**.

**Мудири кафедраи таърихи**
**халқи тоҷик, номзади илмҳои**
**таърих, дотсент** **Маҳмудова Назира Солихоҷаевна**

**Ташхисгар,**
**дотсенти кафедраи таърихи**
**халқи тоҷик, номзади илмҳои**
**таърих** **Исамитдинов Жорабек Бобобекович**

**Котиби маҷлис** **Содиқов Сомон Раҳимқулович**

01.03.2023с

**Имзоҳои н.и.т., дотсентон**
**Маҳмудова Н.С., Исамитдинов Ж.Б.**
**ва коргузор Содиқов С.-ро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров"** **Наврӯзов Э. М.**

Суроғаи муассиса: 735700 , Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Телефон: +992 (+834-22) 6-52-73;
E-mail: hgu-rector@khujandi.com